# ҶАЛАСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

30 январи соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷаласаи Шурои олимон таҳти роҳбарии директори муассиса Сироҷиддин Ниёзӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа масъалаҳои вобаста ба самтҳои фаъолияти кормандони пажӯҳишгоҳ дар нимсолаи аввали соли 2026, иҷрои нақшаи корӣ ва нақша-чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин масъалаҳои хизматрасонии психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамзамон, дар ҷараёни ҷаласа масъалаҳои ҷорӣ, аз ҷумла, иваз намудани мавзуҳои рисолаҳои илмӣ, баррасии мавзуъ ва роҳбарони илмии унвонҷӯён ва докторантон, инчунин аризаҳои вобаста ба масъалаҳои таҳсилоти баъдидипломӣ муҳокима шуданд. Бо назардошти таклифу пешниҳодҳои аъзои Шурои олимон қарорҳои дахлдор қабул гардиданд. Ёдовар мешавем, ки дар кори ҷаласа муовини директор, котиби илмӣ, мудирони шуъбаҳо ва дигар кормандони масъули пажӯҳишгоҳ иштирок намуданд.























